Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 26 (4609) | ҶУМЪА, 17 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШӮРОИ АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**16 - уми феврали соли 2023 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Шӯрои амнияти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи васеи Шӯрои амнияти кишвар доир ба масъалаи вазъи муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир ва чораҳои тақвият бахшидан ба таъмини амнияти давлат ва суботу оромии ҷомеа баргузор гардид.**

Дар суханронии ифтитоҳӣ зимни таҳлили вазъияти воқеии минтақа ва ҷаҳони муосир Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки дар шароити ҳассоси имрӯза таҳкими амнияти миллӣ ва муътадил нигоҳ доштани фазои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа барои давлатдории мо аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Зикр гардид, ки вобаста ба вазъияти минтақа ва ҷаҳон масъалаҳои муқовимат ба хатару таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, аҳамияти торафт мубрам пайдо карда истодаанд.

Дар робита ба ин, сохтору мақомоти дахлдор вазифадор карда шуданд, ки корро ҷиҳати иҷрои талаботи «Стратегияи муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025» ба таври ҷиддӣ ҷоннок намоянд.

Вобаста ба масъалаи маблағгузории терроризм ва пешгириву ошкор кардани чунин амали хатарнок, ки вақтҳои охир ба нигаронии ҷиддӣ боис гардидааст, ба Бонки миллӣ супориш дода шуд, ки назорати риояи қонунгузориро дар фаъолияти бонкҳои давлатӣ, тиҷоратӣ, хусусӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ҳангоми пешбурди амалиётҳои бонкӣ пурзӯр намояд.

Сипас, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саймуъмин Ятимов доир ба вазъи воқеии таъмини амният ва суботу оромӣ дар кишвар ҳисобот дод.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди роҳбарони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба пурзӯр кардани мубориза бар зидди ҳама гуна ҷинояткориву қонуншиканӣ, таъмин кардани амният ва волоияти қонун, тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар ва омодабошии ҷузъу томҳои низомӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ ва хизмат барои хизматчиёни ҳарбӣ, тарбия ва интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти афсарону сарбозон, риояи талаботи оинномаҳои ҳарбӣ ва қонунияту тартибот вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Роҳбари давлат махсус таъкид карданд, ки бо дарназардошти вазъи ҷаҳони муосир бояд ба масъалаи тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ, ҳисси баланди миллӣ ва пешгирӣ кардани шомилшавӣ ба ташкилоту ҳаракатҳои ифротӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Пешвои миллат ба роҳбарони сохторҳои низомӣ супориш доданд, ки навсозии техникии Қувваҳои Мусаллаҳро тезонида, 70 иншооти инфрасохтори сарҳадӣ, аз ҷумла дидбонгоҳҳои сарҳадиро, ки бунёд шуда истодаанд, бо тамоми таҷҳизоту шароити зарурӣ соли ҷорӣ ба истифода супоранд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, роҳбарону шахсони масъул ва аъзои Комиссияи давлатии таъсисдодашударо бори дигар вазифадор карданд, ки барои бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиии як рӯз пеш дар шаҳри Хоруғ рухдода, аз ҷумла бо маҳсулоти ғизоӣ, либоси гарм ва дигар ашёи зарурии рӯзгор таъмин намудани оилаҳои зарардида тадбирҳои фаврӣ андешанд.

www.president.tj

## НАТИҶАГИРӢ АЗ ЯК СОЛИ АМАЛИ КОДЕКСИ АНДОЗ

**16-уми феврали соли 2023 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода оид ба рафти иҷрои муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз як соли мавриди амал қарор гирифтани он суҳбати гирди миз баргузор шуд, ки дар он мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, намояндагони Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоб ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доштанд.**



Маҳмадалӣ Ватанзода зикр кард, ки тибқи дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Кодекси андоз дар таҳрири нав барои боз ҳам беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таҳкими механизмҳои ҳавасмандкунии фаъолияти соҳибкорӣ имтиёзҳои андозии амалкунанда нигоҳ дошта шуда, илова бар он як қатор имтиёз ва сабукиҳои нав ва дигар тағйироту навгониҳо пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав, шумораи умумии андозҳо аз 10 ба 7 намуд кам, меъёрҳои андозҳо паст ва имтиёзҳои иловагии андозӣ пешбинӣ гардидааст.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода  мақсад аз қабули Кодекси андоз дар таҳрири навро дастгирии соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, ҳамчунин содаю оммафаҳм намудани он арзёбӣ кард. Ҳамчунин, изҳор дошт, ки он, дар маҷмӯъ, барои таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, татбиқи консепсияи иқтисоди рақамӣ, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ ва ба равандҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми андозбандии кишвар нигаронида шуда, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиро оид ба муқаррарсозӣ, тағйирдиҳӣ, бекоркунӣ, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, иҷрои уҳдадориҳои андозиро муайян менамояд.

- Бо мақсади беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла зиёд намудани музди меҳнат, инчунин таъмини шаффофият дар ин раванд, ҳадди даромади андозбандинашавандаи шахсони воқеӣ барои ҳар моҳи тақвимӣ аз як нишондиҳанда то ба ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд карда шудааст.

Инчунин, меъёри стандартии андоз аз арзиши иловашуда аз 1-уми январи соли 2022 ба андозаи 15 фоиз, аз 1-уми январи соли 2024 ба андозаи 14 фоиз ва аз 1-уми январи соли 2027 ба андозаи 13 фоиз пешбинӣ шудааст, ки камшавии меъёри андоз нисбат ба меъёри қаблӣ мутаносибан 3, 4 ва 5 фоизро ташкил медиҳад.

Бо мақсади дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ меъёри посткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо меъёри 5 фоиз пешбинӣ карда шуд, ки нисбат ба меъёри қаблан амалкунанда 13 фоиз кам мебошад. Инчунин, меъёри андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ низ 7 фоиз (меъёри пасткардашуда) пешбинӣ гардидааст, - зикр кард номбурда ва ҳамчунин афзуд, ки бо мақсади таъмини шаффофияти баҳисобгирӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ, дар ҳисобот нишон додани шумораи воқеии кормандон ва музди миёнаи меҳнат, меъёри андози иҷтимоӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ аз 25 то ба 20 фоиз паст карда шудааст.

Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода изҳор дошт, ки бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти Кодекси андоз зарурати таҳияи санадҳои зерқонунӣ, ки маҷмӯан 96 ададро ташкил медиҳанд, ба миён омада, тибқи супоришҳои Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳои соҳавӣ ҷиҳати таҳияи он мувазззаф гардиданд. Аз ин шумора як лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумрук, як лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, як лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 45 лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 48 дастурамал ва тартибҳо мебошанд. То 10 - уми феврали соли 2023 аз ҷониби Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳо дар маҷмӯъ 94 лоиҳаи санади зерқонунӣ таҳия ва расмиёти минбаъдаи онҳо тибқи тартиби муқаррааргардида роҳандозӣ шуда истодаанд.

Бино ба таъкиди Карим Гулмуродзода, соли 2022 танҳо аз ҳисоби воридоти андозӣ ба буҷети давлатӣ 21,8 миллиард сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 6,5 фоиз ё ин ки 1,3 миллиард сомонӣ ва нисбат ба соли 2021 - ум 2,1 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Бо вуҷуди паст гардидани меъёри аксари андозҳо аз ҷониби мақомоти андоз ва гумрук ба буҷети давлатӣ нисбат ба нақшаи аниқшуда мутаносибан 536,9 миллион сомонӣ ва 907 миллион сомонӣ барзиёд ворид карда шуд. Нишондиҳандаҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ва татбиқи Кодекси андоз бо назардошти устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, паст шудани иқтисоди ғайрирасмӣ, инчунин болоравии сатҳи нархҳо дар миқёси ҷаҳон барои барзиёд иҷро гардидани нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли сипаришуда мусоидат намудааст.

Муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода доир ба татбиқи Кодекси андоз маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, бо мақсади иҷрои муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав, бо фармоиши раиси Кумитаи андоз нақшаи чорабиниҳо қабул гардида, мувофиқи он як қатор тадбирҳо андешида шудааст. Аз ҷумла, барои ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон сари вақт фаҳмонидани муқаррароти Кодекси андоз дар соли 2022 бо иштироки доираи васеи андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз, дар маҷмӯъ, зиёда аз 1900 машварат, инчунин дар шакли видеоконференсия, вебинарҳо (ҷаласаҳои маҷозӣ) баргузор карда шуд. Ҷиҳати ҳаддалимкон сода намудани дастрасии шаҳрвандону андозсупорандагон ба муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав, бахусус муқаррарот оид ба имтиёзҳои андозӣ, бо фармоиши раиси Кумитаи андоз дар мессенҷерҳои «Telegram» ва «Viber» саҳифаи алоҳидаи «Шарҳу тавзеҳи Кодекси андоз дар таҳрири нав» кушода шуд, ки тибқи махзани маълумот зиёда аз 3500 нафар ба мессенҷерҳои мазкур обуна шуда, 210 ҳазор маротиба аз саҳифаҳои онҳо дидан кардаанд ва шакли электронии Кодекси андоз дар таҳрири навро аз он ҷо ва сомонаи мақомоти андоз дастрас намуданд. Инчунин, тавассути интернет бо истифода аз барномаи «Зум» бо тамоми андозсупорандагон, сармоягузарон ва шахсони воқеие, ки хоҳиши иштирок намудан дар машваратҳо дар шакли онлайн доштанд, бештар аз 100 маротиба гузаронида шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## НОМАҲОИ ҲАМДАРДӢ



**Шонздаҳуми феврали соли 2023 дар робита ба оқибатҳои фоҷиабори фаромадани тарма дар Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин номаи ҳамдардӣ ворид гардид, ки дар он омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Ҳамдардии амиқи маро дар робита ба оқибатҳои фоҷиабори фаромадани тарма дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қабул фармоед.

Хоҳишмандам ҳамдардии амиқи маро ба наздикону пайвандони нафарони бар асари офати табиӣ ҳалокшуда, ҳамчунин таманниёти шифои оҷилро ба ҳамаи осебдидагон расонед».



**Шонздаҳуми феврали соли 2023 дар робита ба оқибатҳои фоҷиабори фаромадани тарма дар Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров низ номаи ҳамдардӣ ворид гардид, ки дар он омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Хабари ба ҳалокат расидани мардум бар асари фаромадани тарма дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 15-уми феврали соли 2023 ба амал омад, боиси андуҳи ин ҷониб гардид.

Аз номи худ ва тамоми мардуми Қирғизистон ба  аҳли оила ва наздикони ҳалокшудагон таъзия ва ҳамдардии моро мерасонам.

Барои ҳамаи осебдидагон аз даргоҳи Худованд шифои оҷил хоҳонам».



**Ҳамчунин, ҳабдаҳуми феврали соли 2023 дар робита ба оқибатҳои фоҷиабори фаромадани тарма дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенко номаи ҳамдардӣ ворид гардид, ки дар он омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Мо дар Ҷумҳурии Беларус хабари талафоти одамон ва харобиҳои зиёдро бар асари тармафаророӣ дар манотиқи гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсосоти изтироб ва ҳамдардӣ дарёфтем.

Аз номи мардуми Беларус ва шахсан аз номи худам ба Шумо ва пайвандони фавтидагон тасаллият ва ҳамдардии амиқ арз менамоям.

Хоҳишмандам суханони самимии ҳамдастӣ ва таманниёти шифои комили маро ба осебдидагон бирасонед.

Умед дорем, ки оқибатҳои ин офати табиӣ ҳар чӣ зудтар рафъ хоҳанд гардид ва манотиқи зарардида ба маҷрои муътадили зиндагӣ хоҳанд баргашт».

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**Шонздаҳуми феврали соли 2023 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев доир гардид.**

Дар оғози суҳбат дар робита ба офати табиии фаромадани тарма дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъзия ва тасаллияти самимии ҷониби Ӯзбекистонро ба наздикону пайвандони фавтидагон ва мардуми Тоҷикистон изҳор намуданд.

Дар идомаи суҳбат сарони ҳар ду давлат атрофи масъалаҳои рӯзмарраи минтақавӣ, бахусус мушкилоти тағйирёбии иқлим ва роҳҳои пешгирӣ аз таъсири оқибатҳои он ба муҳити зист, мубодилаи афкор намуданд.

Ҷонибҳо инчунин масъалаҳои алоҳидаи мубрами ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро мавриди баррасӣ қарор доданд.

www.president.tj




## СОЛИ 2022 БАРОИ ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ ДУШВОРТАРИН БУД, АММО...

**- Вазъи иқтисоди глобалӣ соли 2022, бо назардошти мураккаб гардидани ҳолати геосиёсии ҷаҳон, низоъҳову муноқишаҳо байни баъзе кишварҳо, қатъитар шудани таҳримҳои иқтисодӣ нисбат ба баъзе шарикони тиҷоратии кишвар, буҳронҳои глобалии энергетикӣ, озуқаворӣ ва паёмадҳои тағйирёбии иқлим шиддатнок гардид.**

Новобаста ба таъсири омилҳои берунии қайдгардида, ба шарофати дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар кишвар таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 8 фоиз афзуд. Дар ин давра рушди ММД асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 15,4 фоиз, кишоварзӣ - 8, хизматрасонии пулакӣ - 16, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ - 11,4, гардиши савдо -11,2, боркашонӣ - 26,1 ва мусофиркашонӣ 11,1 фоиз таъмин гардид. Сатҳи таваррум дар соли 2022-юм 4,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 (8 фоиз) 3,8 банди фоизӣ кам аст, - иттилоъ дод дар ин бора вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода дар нишасти матбуотӣ 14-уми феврали соли ҷорӣ.



Қайд гардид, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 42 миллиарду 992 миллиону 600 ҳазор сомонӣ баробар гардида, суръати рушд 15,4 фоизро ташкил дод. Дар ин давра вазорат баҳри таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ, танзими савдои хориҷӣ ва дохилӣ, мониторинги барномаҳо ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ тадбирҳои заруриро андешид. Аз ҷумла, бо мақсади супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ситоди байниидоравӣ оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ таҳти роҳбарии вазири рушди иқтисод ва савдо таъсис дода шуд. Дар ин замина бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ гуфтушунид гузаронида, соли 2022 - юм 195 млн. доллар маблағи грантӣ ҷалб шуд.

Соли 2022 вазорат 37 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод намуд, ки аз онҳо 14 лоиҳа қабул гардид.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## 84,1 ТОННА ДОРУ ВА МОЛҲОИ ТИББӢ НЕСТ КАРДА ШУД



**10-уми феврали соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода иттилоъ дод, ки бо назардошти саҳми назаррас дар мубориза бо бемории сироятии COVID-19 ва таҷрибаи бомуваффақ вазорат ба ҷоизаи байналмилалии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ сазовор гардид.**

Бино ба гуфти Ҷамолиддин Абдуллозода, соли 2022 бо мақсади таъмини муассисаҳои соҳа бо таҷҳизоти муосир ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ аз ҷониби вазорат ба як қатор муассисаҳои тиббӣ ба маблағи 187,2 миллион сомонӣ дору ва молҳои тиббӣ дастрас шуд. Вазир иброз намуд, ки дар давраи зикршуда 288 номгӯи дору ва молҳои тиббии ба талабот ҷавобгӯнабуда ва ба таври қочоқ воридшуда, ки вазни умумиашон 84,1 тонна буд, нест карда шуд. Соли 2022 оид ба риоя накардани талаботи санитарию эпидемиологӣ нисбат ба 20 ҳазору 468 шахси мутасаддӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1,7 миллион сомонӣ тартиб дода шуд. Фаъолияти 541 иншоот бо сабаби ҷавобгӯ набудан ба талабот муваққатан аз фаъолият боздошта шуд. Дар ин давра аз ҷониби роҳбарияти вазорат дар рӯзҳои сешанбе ва шанбе 3311 шаҳрванд қабул гардида, дар доираи имкониятҳои мавҷуда ба онҳо кумак расонида шуд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

## РАШТ ДИГАР ГАШТ



**- Соли 2022 истеҳсоли маҳсулот 939 миллиону 135 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 6 миллиону 180 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Рашт Раҳимҷон Муқимӣ.**

Зикр шуд, ки дар ин давра 17 гектар боғу токзори нав бунёд намуданд, ки ин 106 дарсади иҷрои нақшаи дурнаморо ташкил медиҳад. Ҳоло дар ҳама шакли хоҷагидории ноҳия 5 ҳазору 173 гектар боғ мавҷуд мебошад.

Кишт дар ҳама шакли хоҷагидорӣ ба 8065 гектар расид, ки нисбат ба соли 2021-ум 403 гектар зиёд аст.

Дар маҷмӯъ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ соли 2022 ба 617 млн. 171 ҳазор сомонӣ баробар гардид, ки дар қиёс ба соли гузашта 33 млн. 589 ҳазор сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 105,8 фоизро ташкил медиҳад.

Барои сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия шуд, ки дар асоси он сохтмони 203 иншооти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва амсоли инҳо ба нақша гирифта шудааст. Аз ин шумора 54 иншоот соли 2022 мавриди истифода қарор дода шуд, ки 32-тоаш аз ҳисоби соҳибкорон, 5 иншоот аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт 2 иншоот бо саҳми аҳолӣ, 12 иншоот бо ҷалби шарикони рушд сохта шуданд.

Ин муддат 4 корхонаи истеҳсолӣ - ҶДММ «Баҳодур-2013», «Абдураҳимиён» ва «Сандуқи заррин», ҶДММ «Хишти пухта» ба фаъолият оғоз намуда, шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ ба 20 адад расид.

Хурсандиовар аст, ки Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт «КВД Матбаа» - и ноҳияро, ки солиёни зиёд фаъолият намекард, бо таҷҳизоти калонҳаҷми чопӣ таъмин намуданд.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

## ТАЪМИНОТ БО АДАБИЁТИ ИЛМӢ ВА ТАЪЛИМӢ ХУБ АСТ



**- Соли 2022 беҳтар намудани сатҳу сифати таълим, омода кардани кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани маҳорат, васеъ намудани ҷаҳонбинии донишҷӯён, мутобиқ намудани стандартҳои таълимӣ ба низоми кредитии таҳсилот, таҳияи барномаҳо ва таълифи китобу дастурҳои таълимӣ, таҳкими иқтидори илмӣ-техникӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ меҳвари фаъолияти раёсати Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода буданд, - зикр намуд ректори он дар нишасти матбуотӣ, ки 10-уми феврали соли ҷорӣ доир гардид.**

Ректори донишкада Муҳриддин Низомӣ ба суоли хабарнигори рӯзнома оид ба таълиму тадрис дар факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ чунин посух дод:

- Дар факултет 157 донишҷӯ таҳсил мекунанд. Заминаи моддӣ - техникии факултет ҷавобгӯ ба талаботи муосир пурра муҷаҳҳаз аст. Бар замми ин, бо маблағгузории Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар кардани базаи моддӣ - техникӣ лоиҳаи алоҳида амалӣ мешавад.

Бо Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии бачагонаи ба номи М. Миршакар, Китобхонаи шаҳрии ба номи А. Лоҳутӣ шартномаи ҳамкорӣ дорем, ки тибқи он, донишҷӯён таҷрибаомӯзии истеҳсолиро дар ин китобхонаҳо мегузаронанд. Роҳбарияти китобхонаҳо барои донишҷӯён ҳуҷраҳои алоҳида низ ҷудо кардаанд, ки дар он ҷо дарсҳо гузаронида мешаванд.

- Дар мавриди таъминот бо адабиёти илмӣ ва таълимӣ низ корҳо хуб ба роҳ монда шудаанд. Мувофиқи нақша, ҳар сол ҳамаи китобҳои тозанашреро, ки барои донишҷӯён лозим аст, харидорӣ мекунем. Соли гузашта дар заминаи факултети китобдорӣ китобхонаи алоҳидаи адабиёти классикӣ таъсис ёфт, ки дар ҳамкорӣ бо нашриёти «Адиб» онро бо адабиёти бадеӣ пурра таъмин кардем, - гуфт ректор.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## 177 ҲОЛАТ БА ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ ҶАВОБГӮ НЕСТ



**Соли 2022 аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми декабри соли 2008 таҳти № 578 тасдиқ карда шудааст, рафти иҷрои қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ дар ҷамоатҳо, шаҳраку деҳот ва ноҳияҳои кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шуд, - иброз намуд директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъа Давлатов 13-уми феврали соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ.**

Номбурда таъкид кард, ки ҳангоми санҷишҳо ҳолатҳои риоя нашудани талаботи қонунгузории хизмати давлатӣ зимни татбиқи технологияҳои кадрӣ, аз ҷумла ҳангоми интихоби ҳайати роҳбарикунандаи ҷамоатҳо, таҳия, тасдиқ ва истифодаи дастурамалҳои мансабӣ, риояи талаботи тахассусӣ ва кодекси одоби хизматчии давлатӣ, пешбурди парвандаҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ ҷой доранд. Ҳолатҳои қабули хизматчиёни давлатӣ бе баргузории озмун мушоҳида карда мешавад. Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда 177 ҳолат ба талаботи тахассусӣ аз рӯи ихтисос, сатҳи таҳсилот ва собиқа ҷавобгӯ намебошанд. Дар маҷмӯъ, аз натиҷаи таҳлили вазъи иҷрои қонунгузории хизмати давлатӣ санадҳои санҷиш ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дахлдор ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо ирсол гардид.

**Р. ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

## ФАРХОР: БУНЁДИ 400 ИНШООТ ДАР НАҚША АСТ



**9-уми феврали соли 2023 дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор нишасти матбуотӣ доир гардид. Раиси ноҳия Зариф Назирӣ изҳор дошт, ки бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон созандагию ободкорӣ идома дорад. Сохтмону навсозии 400 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, соли 2022-юм 80 иншоот, соли 2023-юм - 75, соли 2024-ум - 81, соли 2025-ум 59 ва соли 2026 сохтмони 106 бинову иншоот ба нақша гирифта шуданд.**

Аз моҳи январи соли 2022 то якуми январи соли 2023 сохтмони 80 бинову иншооти гуногун бо харҷи 63 миллиону 554 ҳазор сомонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Соли сипаришуда нақшаи қисми даромади буҷет, ба андозаи 105, 2 фоиз таъмин гардид.

Соли гузашта истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 1 миллиону 501 ҳазору 462,8 ҳазор сомонӣ расид, ки 115,4 фоизи нақшаро ташкил дод. Кишоварзони ноҳия дар 9650 гектар пахта кишт намуда, 22 ҳазору 518 тонна ҳосил ҷамъоварӣ намуданд.

Дар асоси иҷрои «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2022 - 2025»-ум 10 гектар боғҳои нави мевадиҳанда аз ҳисоби заминҳои корами лалмӣ бунёд гардид. Ҳамчунин, дар 7 гектар гармхона амал мекунад, ки аз он 1,77 гектар гармхонаи доимӣ ва 5,23 гектар гармхонаи мавсимӣ мебошад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## РОҒУН: ПАРТОВҲО ВАЗЪИ МУҲИТРО КОСТА МЕГАРДОНАД

**Дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун миёни хабарнигорони воситаҳои ахбори оммаи кишвар ва роҳбарияти шаҳр роҷеъ ба бурдубохти ҳамаи соҳаҳо дар соли 2022 суҳбати озоду ошкоро сурат гирифт.**

Хабарнигори рӯзнома вобаста ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб» таҳти №626 аз 2-юми ноябри соли 2012 суол дод. Ҳамчунин, дар хусуси вазъи тозагӣ ва ба талаботи санитарию эпидемиологӣ ҷавобгӯ набудани биноҳои баландошёнаи маҳали аҳолинишини шаҳр ва оби ошомиданӣ, ки аз ҷониби мутахассисони Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва Бахши ҳифзи муҳити зисти шаҳри Роғун беаҳамиятӣ зоҳир гардида, зери назорат гирифта намешавад, савол пешниҳод шуд. Роҳбарони ниҳодҳои номбурда мавҷуд будани камбудиҳои ҷойдоштаро эътироф карда, аз тадбирҳои вобаста ба ин масъалаҳо андешидашуда чанд далел оварданд. Маълум гардид, ки соли сипаригардида бо ташаббусу чораандешиҳои роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун аз ҳудуди шаҳр беш аз 15 тонна партовҳо бароварда шуданд.



Зикр шуд, ки бо мақсади ноил гардидан ба дастовардҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳр «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Роғун барои солҳои 2021-2025» таҳия ва бо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Роғун аз 12-уми апрели соли 2021 таҳти №72 тасдиқ карда шудааст, ки тибқи нақша 88 лоиҳаи рушди хоҷагии халқ ба маблағи 204,8 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Рафти иҷрои лоиҳаҳои барномаи рушд нишон дод, ки соли сипаришуда 32 лоиҳа, дар маҷмӯъ 36 фоизи лоиҳаҳо, мавриди иҷро қарор дода шуд, ки ин нишондиҳанда азхудкунии 20,7 миллион сомониро дар бар мегирад.

**З. МУҲАММАД, «Садои мардум»**

## ДАР МУСОБИҚАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 150 МАРОТИБА СУРУДИ МИЛЛӢ САДО ДОД

**Дар нишасти матбуотии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 10-уми феврали соли равон баргузор шуд, дастовардҳои варзишии ҷавонони мамлакат дар соли 2022 мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.** Раиси кумита Абдулло Раҳмонзода, аз ҷумла зикр кард, ки бори нахуст тими миллии Тоҷикистон оид ба футбол ба марҳилаи ниҳоии «Ҷоми Осиё-2023» роҳхат ба даст оварда, ҳамчунин, барандаи мусобиқаи «Ҷоми Подшоҳ - 2022» дар Тайланд гардид. Тими миллии ҷавонон оид ба



футбол дар Чемпионати КАФА иштирок намуда, ҷойи аввалро соҳиб шуд. Варзишгари тоҷик Темур Раҳимов дар раддабандии ҷаҳонии дзюдо дар ҷойи аввал қарор гирифта, дар давоми сол мавқеи худро ҳифз намуд ва дар мусобиқаи байналмилалии «Baku Grand Slam-2022» соҳиби мақоми аввал ва медали тилло гардид. Ин дастовардҳо на фақат обрӯ ва нуфузи варзиши тоҷикро болотар бурданд, балки муаррифии шоистаи кишварамон низ гардиданд.

Умуман, соли 2022 аз ҷониби кумита ва ташкилотҳои ҷамъиятии федератсияҳои варзишии мамлакат 650 варзишгар, аз ҷумла 38 нафар бонувон, аъзои дастаҳои мунтахаби ҷумҳурӣ ба 64 мусобиқаи сатҳи байналмилалӣ сафарбар гардида, ба хазинаи варзишии кишвар 548 медал, аз ҷумла 150 медали тилло,162 нуқра ва 236 биринҷӣ ворид намуданд. Дар натиҷа, 548 маротиба Парчами давлатии мамлакат баланд афрохта, 150 маротиба Суруди Миллии ҷумҳурӣ дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ садо додааст.

Дар соҳаи кор бо ҷавонон бошад, қариб 40 ҳазор чорабинӣ бо фарогирии беш аз 3,5 миллион ҷавон, волидайни онҳо ва аҳли ҷомеа баргузор гардид.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## ДАР НОҲИЯИ ҲАМАДОНӢ 114 ИНШООТ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

**- Соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия ба 236,2 миллион сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли гузашта, 78,13 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Айни замон дар ноҳия 70 корхонаи хурду бузурги саноатӣ мавҷуд буда, дар соли гузашта 7 коргоҳи истеҳсолии нав бо таъсиси 53 ҷойи нави кор мавриди истифода қарор дода шуд, - гуфт иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Нурулло Мирзозода зимни нишасти матбуотӣ нуҳуми феврали соли 2023.**



Ӯ, ҳамчунин, изҳор дошт, ки соли сипаришуда ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ба 1 ҳазору 158,3 миллион сомонӣ расонида шуд, ки суръати афзоиш 111,4 фоизро ташкил дод.

- Бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳия як қатор корҳои созандагию ободонӣ идома дошта, тибқи нақшаи тасдиқшуда, 323 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Дар 114 иншоот корҳои сохтмонӣ пурра ба итмом расида, дар он 176 сокини маҳаллӣ бо ҷойи нави кор таъмин гардиданд, - изҳор дошт Нурулло Мирзозода.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА СОЛИ 2022 БА МАБЛАҒИ БЕШ АЗ ЯК МИЛЛИАРД СОМОНӢ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ ИСТЕҲСОЛ ГАРДИД



**Раиси шаҳри Турсунзода Парвиз Акрамзода зимни пешниҳоди посух ба суоли хабарнигорон оид ба иҷрои нақшаҳо дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат иброз дошт, ки дар шаҳри Турсунзода, ки яке аз шаҳрҳои саноатии ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ҷиҳати иҷрои ҳадафи чоруми стратегии кишвар тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.**

Бино ба маълумоти оморӣ, соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1 миллиарду 19 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021-ум 222,1 миллион сомонӣ ё ин ки 27,9 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра дар корхонаҳои саноатии шаҳр 86 навъ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид, ки нисбат ба соли 2021 - ум 11 навъ зиёд мебошад.

Хабарнигорон оид ба тадбирҳои вобаста ба сазовор пешвоз гирфтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи соҳаҳои маорифу тандурустӣ, дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданию полезӣ, иҷрои нақшаҳо дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, таъмири роҳҳо ва масъалаҳои дигари марбут ба рушди шаҳр саволҳо пешниҳод карда, посуххои мушаххас гирифтанд.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

## НОРАК: 35 ЛОИҲАИ БАРНОМАИ РУШДИ ШАҲР ИҶРО ГАРДИД



**- Бо мақсади рушди соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр соли 2021 «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Норак барои солҳои 2021-2025» таҳия ва бо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр тасдиқ шудааст. Барнома 183 лоиҳаро бо маблағи 453,6 миллион сомонӣ дар бар мегирад ва соли 2022-юм 35 лоиҳаи он бо харҷи 47,2 миллион сомонӣ ё ба қадри 17 фоиз иҷро гардид, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ 8-уми феврали соли 2023 раиси шаҳри Норак Дилшод Асозода.**

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бе дарназардошти неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Бойғозӣ» 110,6 миллион сомонӣ ё 134,9 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2021-ум 28,6 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Корхонаҳои саноатии шаҳр 1,6 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба соли пеш 106,6 фоиз ё ин ки 101, 5 миллион сомонӣ зиёд аст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар соли 2022 шабакаҳои барқии шаҳр ба аҳолӣ ва корхонаю муассисаҳо ба маблағи 21,2 миллион сомонӣ неруи барқро фурӯхта, 18,5 миллион сомонии онро ҷамъоварӣ карда, 2,7 миллион сомонии он боқӣ мондааст. Барои кам кардани талафоти неруи барқ 1950 адад ҳисобкунакҳои барқӣ аз дохили биноҳои истиқоматии маҳаллаҳои Лангар, Энергетик, Яхпул, Истиқлол ва Чал-Чал бароварда, дар ҷойҳои намоён насб карда шуд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ФАЙЗОБОД: ТАЪХИР ДАР ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ САФАРИ ХИЗМАТИИ ОМӮЗГОРОН БА ОН САБАБ БУД, КИ...

**Раиси ноҳияи Файзобод Бобишо Холзода 3-юми феврали соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки сокинони ноҳияи Файзобод соли 2022 бо меҳнати софдилона дар иҷрои нақшаҳои тарҳрезигардида дар ҳама соҳа натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд. Дар ин давра қисми даромади буҷет, бо дарназардошти маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ 103 фоиз ва қисми хароҷоти он 99 фоиз иҷро гардида, пардохти андозу даромадҳо ба 111 фоиз баробар шуд.**

Дар ҷараёни нишасти матбуотӣ хабарнигори рӯзнома аз масъулини ноҳия сабабҳои вазъи ғайрисанитарии нуқтаҳои хизматрасонии шоҳроҳи байналмилалии Ваҳдат-Рашт-Лахш, муносибати сарди табибони Беморхонаи марказӣ, КАТС-и ноҳия ва кашолкорӣ дар пардохти маблағҳои сафари хидматии зиёда аз 20 омӯзгори муассисаҳои таълимиро, ки аз тарафи Раёсати молияи ноҳия бо баҳонаҳои гуногун мавқуф гузоштаанд, пурсон шуд.

Раиси ноҳияи Файзобод Бобишо Холзода зимни посух ба суолҳо иброз дошт, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия ва шафати шоҳроҳи байналмилалӣ 11 ошхона, 4 ташнобҳи сарироҳӣ, 18 истгоҳи замонавӣ бо нуқтаҳои хизматрасонии савдо, 3 нуқтаи хизматрасонии маишӣ, ҳаммом, шаҳрчаи хаймавӣ барои истироҳати лаҳзаинаи сайёҳон, меҳмонхонаи замонавии сайёҳӣ ва истироҳатгоҳ дар деҳаи Орифони Ҷамоати шаҳраки «30-солагии Истиқлол» бо саҳми соҳибкорони маҳаллӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ба гуфти раиси ноҳия, сохтмони Беморхонаи марказии ноҳия моҳи июли соли 2022 дар асоси Лоиҳаи «Барномаи хизматрасонии маҷмӯӣ барои модару кӯдак» оғоз гардида, моҳи августи соли 2024 ба анҷом мерасад. Бинобар ин, шуъбаҳои беморхонаро муваққатан ба беморхонаи минтақавии Мискинобод ва Меҳробод кӯчониданд. Аз ин рӯ, бо сабаби набудани шароити зарурӣ сокинони ноҳия барои табобат ба беморхонаҳои шаҳри Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияҳои атроф муроҷиат мекунанд.



Дар охири соли 2022 зиёда аз 20 нафар омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Файзобод, ки ба курсҳои такмили ихтисоси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд, дар арафаи соли нави мелодӣ маблағи сафари хидматиашонро нагирифтаанд. Сардори Раёсати молияи ноҳия Иноятулло Раҷабзода ибroz дошт, ки ба омӯзгороне, ки дар охири соли 2022 бо сафари хидматӣ ба курсҳои омӯзишӣ сафарбар гардидаанд, бояд пардохт мешуд, аммо дар буҷети ноҳия маблағи зарурӣ набуд.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# БАРХЕ МАСОИЛИ МУБРАМИ ҶАҲОНИ МУОСИР ДАР ПАЁМИ САРВАРИ ДАВЛАТ

**Ҳамасола дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат ба муҳимтарин масъалаҳои рушди кишвар ишора шуда, роҳҳои ҳалли онҳо таъкид карда мешавад. Хосияти асосии ин санади сиёсию ҳуқуқӣ ҳамин аст, ки он ҳамчун барномаи амал барои тамоми сохторҳо ва мақомоти ҷумҳурӣ арзиш дорад ва иҷрои нуктаҳои он пешрафти мамлакатро таъмин хоҳад кард. Дар ин ҳуҷҷати маҷмӯӣ ҳамчун оина ҳам тараққиёт ва ҳам мушкилоти роҳи пешрафтро дидан мумкин аст. Ҳар каси аз сиёсат ва вазъи иҷтимоии замони кунунӣ камогоҳ низ ба суолҳое, аз қабили «дар кадом сатҳу савияҳо кишвари азизи мо нишонаҳои рушд дорад?» ва «чӣ бояд кард, ки проблемаҳои ҷойдошта ҳал карда шаванд?» посух ёфта метавонад.**

Маълум аст, ки қисмати зиёди нуктаҳои Паём ба масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди Тоҷикистон бахшида мешаванд, зеро барои таъмини зиндагии шоистаи мардуми кишвар ин масъалаҳо аҳамияти калон доранд. Соҳаҳои маорифу тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон ва худшиносии онҳо, қонеъ кардани ниёзҳои мардум ба илму фарҳангу ҳунар, андешидани чораҳои муассир барои таъмини рушди устувор ва ғайра махсус таъкид карда мешаванд, зеро онҳо ба сифати зиндагӣ ва тарзи ҳаёти мардум ва бонизом фаъолият кардани ҳама сохтори кишвардорӣ бевосита дахл доранд.

Ин масъалаҳоро бидуни тасаввури он ки дар чӣ гуна вазъи ҷаҳони муосир зиндагӣ дорем, ҳал кардан бисёр мушкил хоҳад буд: ҳоло дунёи муосир тавассути равандҳои ҷаҳонишавӣ ба деҳкадае табдил шудааст, ки тору пуди он ба ҳамдигар хеле пайванди қавӣ доранд ва сар задани ин ё он буҳрон ва ё моҷарое дар як кунҷи олам ҳатман зарар ва таъсири худро ба гӯшаҳои дигари олам хоҳад расонд. Ба ёд биёрем, ки соли 2008 буҳрони ҷаҳонии молиявӣ сар зад ва оқибатҳои он бисёр мамлакатҳои олам, аз ҷумла Тоҷикистонро низ фаро гирифт...

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ба ин масъала, яъне таъсири вазъи ҷаҳони муосир ба ҳаёти кишвар аҳамият дода шуд. Дар қисмати аввали Паём Пешвои миллат чунин изҳор намуданд: «Солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад».

Албатта, ҳассосияти ин давраи душворро муносибатҳои мушкили миёни кишварҳои абарқудрат, ки ҳар яке аз пайи манофеи геополитикиаш ҳаст, торафт душвортар мегардонанд. Осудагии умумии мардумони ҷаҳон, рушди бомароми аксар кишварҳои дунё, амали бонизоми ҳама навъи қавоид ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ маҳз ба он вобаста аст, ки зиддияту рақобат ва ё ҳамгироиву таҳаммулписандии ин кишварҳо чӣ гуна ҷараён мегирад.

Идомаи гуфтори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамин нуктаи муҳимро дар назар доранд: «Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, ярокнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи «ҷанги сард» боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқӯъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид».

Агар жарфтар бингарем, аксари ин масъалаҳо – ҳам низоъҳои тиҷоратӣ, ҳам тағйир ёфтани иқлим ва ҳам мусаллаҳшавии бошитоб ва низ оғози дубораи «ҷанги сард», яъне муҳимтарин масъалаҳои олами кунунӣ танҳо ба он кишварҳое рабт доранд, ки қудрати бузурги моливу технологӣ доранд ва таъсирашон ба кишварҳои миёнаву хурди ҷаҳон ниҳоят зиёд аст. Соли 2022 мо ҳама оқибатҳои муносиботи душвори абарқудратҳоро эҳсос кардем: таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ аз ҳад зиёд шуда, истеҳсоли молу коло поин рафт ва нархи маҳсулоти ғизоӣ низ мутаносибан афзоиш ёфт.

Сарвари давлат дуруст зикр карданд, ки яке аз сабабҳои асосии торафт хатарнок шудани сатҳи зиндагии башарият «шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои тавсеаи нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аст».

Маълум аст, ки дар чунин шароити хатарзо Тоҷикистон барин кишварҳое, ки аз гардиши тиҷорат ва муносибатҳои молии ҷаҳонӣ ниёзи бештар доранд, бояд роҳҳои гуногуни беҳтар кардани вазъи худро дарёбанд. Дар Паём яке аз воситаҳои ҳалли масоили ҷаҳонӣ, ки Тоҷикистонро дар вазъи осуда нигоҳ медорад, номбар шудааст, ки он сиёсати «дарҳои боз» аст. Меҳвари ин сиёсат бо назардошти манфиатҳои миллии Тоҷикистон тавсеа бахшидани ҳамкориҳо ва ба роҳ мондани равобити дӯстӣ бо ҳама давлатҳоест, ки бо кишвари мо дар муомила буданро мехоҳанд.

Мавқеи Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва низоъҳои минтақавӣ тайи чанд сол аст, ки тағйир нахӯрдааст ва ба андешаи мо, ягона калиди қуфлкушои ҳама муаммоҳост. Ин калиди қуфлкушо «муколама» ном дорад ва дар таърихи башарият аз ин беҳтар василаи дигар пайдо нашудааст. Дар ҷаҳони муосир ягон муаммое нест, ягон баҳсу низое вуҷуд надорад, ки бидуни муколама ҳал шуда бошад. Ҳатто даргириҳои шадид, ки дар асри гузашта ду маротиба ҷаҳонро ба хок яксон карда буданд, оқибат тариқи муколама хотима ёфтанд.

Аммо ҳар навъи машварату маслиҳат ё муколама ҳамон вақт натиҷа хоҳад дод, ки агар пеши роҳи низоъҳо ва мунокишаҳоро бигирад. Ҳама андешамандони олам аз ин хусус ишора кардаанд.

Дар баробари фақри густурда дар бисёр кишварҳои камтараққӣ, шиддат ёфтани низоъ миёни абарқудратҳо хатари ниҳоят ҷиддии дигаре ҳаст, ки ба иқлим дахл дорад. Хавфи тағйир ёфтани иқлим на камтар аз хатари мунокишаҳост. Бисёр хуб аст, ки Тоҷикистон дар ҳамин масъалаи ҷаҳонӣ саҳми чашмгир мерасонад ва ба ҷаҳониён исбот мекунад, ки барои ҳалли ин муаммо воситаҳои ислоҳ афзун аст.

Яке аз ин роҳҳои ҳал ҳифзи пиряххост, ки агар чораандешии муассир нашавад, башариятро хатари азиме дар пеш хоҳад буд. Далели ҷаҳду талошҳои ҷониби Тоҷикистон дар ин масъала ҳамин шуд, ки 14-уми декабри соли ҷорӣ Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард. Тибқи ин қарор, акнун Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзӯъ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад.

Ин Паём ва масоили матраҳкардаи Пешвои миллат бори дигар собит мекунанд, ки Тоҷикистон нисбат ба масъалаҳои ҳассоси ҷаҳони муосир бетараф нест ва ҳамвора кӯшиш мекунад, ки дар ҳалли бисёр муаммоҳои он саҳмгузор бошад.

**Назрбӣ ИСМАТОВА,**
**ассисенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

---

Аз рӯзгори одамони наҷиб

# Ӯ МУРОДИ ДИЛИ МОСТ

**Як сабад гулҳои пур аз накҳати шодбошии дӯстону шогирдон, ба истиқболи фаворасии ҳаштодумин баҳори умри арбоби шинохтаи сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, собиқ мудири шуъбаи иҷтимоиву иқтисодии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (1974-1991), мудир ва бунёдгузори кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1992-1999), вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон (2000-2005), ёвари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006-2010) Худоиев Муродасен Назарович.**

Ӯро беш аз шаст сол боз бо номи Мурод Назарович донишмандону фозилон ва фарҳангиёну сиёсатмадорони кишвар мешиносанду ба эътибори баланди илмиву фарҳангӣ ва сиёсиаш арҷ мегузоранд. Замони шӯравӣ, ки Тоҷикистон миёни понздаҳ кишвари Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиби ҷойгоҳи баланд буд, ин донишманди фарҳехтаи миллат бо мақому манзалати хеш миёни арбобони илму фарҳанг ва роҳбари Ҳизби коммунисти вақт обрӯву эътибори баланд дошт.

Таълифоти пурмуҳтавои илмиаш оғози солҳои ҳафтодуми асри гузашта, дар риштаи иқтисоди сиёсӣ, ки сутуни иқтисодиёти Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт, баҳсҳои зиёдро ба миён овард. Китоби илмӣ-назариявии «Факты против фальши», ки Мурод Назарович муҳаррири масъули илмии он буд эътибори илмии ӯро миёни олимони шинохтаи иқтисоддон боло бурд. Талошҳояш дар шоҳроҳи илми иқтисодӣ – сиёсии шӯравӣ ӯро аз донишгоҳ ба Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистӣ оварданд. Дар ин даргоҳ то соли 1991 вазифаҳои пурмасъули давлатиро бар дӯш дошт. Новобаста ба мақоми баланди сиёсӣ, дар қатори даҳҳо олимони шинохтаи илмӣ лаҳзае фориғ аз кори таълиму тадрис набуд.

Бо зарурати таърихӣ Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафт, Тоҷикистон истиқлолияти давлатӣ ба даст овард. Ҳамакнун муносибатҳои нави иқтисодӣ, воридшавӣ ба шакли нави иқтисодӣ, мутахассисони варзидаи иқтисоди сиёсиро водор сохт, ки раванди рушди иқтисоди кишварро дар шакли нави давлатдорӣ ба роҳ андозанд. Мурод Назарович дар замони нави дигаргуниҳои иқтисоди бозоргонӣ, бо дониши баланди илмӣ ва таҷрибаи бузурги корӣ, дар факултети иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналмилалиро бунёд гузошт. Бо ибтикори ин донишманди соҳибэҳтиром ва дастгирии бевоситаи роҳбарияти олии Тоҷикистони соҳибистиқлол кафедра беҳтарин донишмандони илми иқтисодро ба кор даъват намуд. Дар натиҷа, нахустин қадамҳои раванди иқтисоди байналмилалии Тоҷикистони соҳибистиқлол гузошта шуд. Ҳамин тавр, соли 1994 дар замони душвори сиёсиву иқтисодии кишвар, Мурод Назарович роҳбарии ин кафедраи тақдирсозро ба дӯш гирифта, дар самти иқтисоди байналмилалӣ шогирдони зиёд тарбия намуд.

Баъди ду соли кашмакашҳои сиёсӣ, бо қадами Ҳукумати конститутсионӣ, ки баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон, дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд рӯи кор омад Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин мулоқоташон моҳи феврали соли 1993 бо мардуми Тоҷикистон гуфта буданд: «Ҳукумати нави конститутсионии кишвар дар назди хеш вазифа гузоштааст, ки тамоми гурезаҳои иҷбориро ба Ватан баргардонда, кафолати амнияту осудагии мардуми саросари кишварро дар баҳои тамоми ҳастиаш таъмин хоҳад намуд. Мо Тоҷикистонро худамон, бо дастони худамон, аз нав дар шакли нави мардумӣ месозем. Тоҷикистон хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон хоҳад гардид».

Нахустин гуфтушунидҳо бо неруҳои он шабу рӯз оштинопазир дар шаҳри Хоруғ ба миён омад. Устод Мурод Назарович яке аз ҳампаҳлуҳои Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки борҳо дар ин сафарҳои тақдирсози кишвар иштирок намуда, дар роҳи сулҳу суботи миллии кишвар саҳми арзанда гузошт. Ӯ бо ифтихори зиёди ватандорӣ аз ҷасорату ватанхоҳӣ ва ватансозии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шогирдон қиссаҳо намуда, худро аз пайравони мактаби ватансозии ӯ медонад. Мактаби бузурги садоқати ватандорӣ ва ватанхоҳиву башардӯстиаш миёни шогирдон ва ҳамкорон бо номи мактаби садоқати ватандории Пешво овозадор аст.

Солҳои 1994 - 1997, ки давраҳои душвори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар буд, Мурод Назарович ҳамеша машғули дарс гуфтан буду барои омода намудани маводи таълимӣ ва дастуру китобҳои роҳнамои донишҷӯён заҳмат мекашид. Шояд дар он шабу рӯз ӯ ягона нафаре буд, ки дар баҳои ҷон ба хотири фардои дурахшони кишвар тарбияи шогирдонро ба роҳ монд. Таълими онҳоро қарзи хеш медонист.

Силоҳбадастони аз майдони оташу хун беруншуда гоҳ-гоҳе ба хотири баҳои касеро гирифтан ба донишгоҳ омада, бо таҳдиду зӯрӣ устодонро истинтоқ мекарданд. Ҳамин буд, ки бисёре аз устодон бо баҳонае аз омадан ба дарс худдорӣ менамуданд. Устод Мурод Назарович дар ҳамон рӯзҳои сангини хатарзо баъзе рӯзҳо ба ҷои ду - се муаллим ба шогирдон дарс медод. Ҳамин тавр, кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналмилалии донишгоҳро нигоҳ дошт. Шӯрои илмӣ ташкил намуд. Бисёр шаҳрвандон дар он рӯзҳои душвори иқтисодӣ - сиёсӣ бо дастгирӣ ва ғамхории падаронаи ӯ рисолаҳои илмӣ дифоъ намуда, ҳаёти хешро чун устодашон ба тарбияи шогирдон ва шукуфоии кишвар бахшиданд. Барои ошно гардидан ба шаклҳои нави иқтисоди ҷаҳонӣ коромӯзони факултет ва кафедраро баъди хатми аспирантура зарурати дар хориҷи кишвар таҳсил намудан ба миён омада буд. Ҳамин зарурат ва масъулияти баланди ватандорӣ ӯро водор намуд, ки ҷиҳати таҳсил ва ба омӯзиш фаро гирифтани шогирдон дар хориҷи кишвар забони англисиро омӯзанд. Бо ҳамин хотир, дар роҳи омӯзиши забони англисӣ ба шогирдон, талошҳои зиёде намуд. Беҳтарин устодони забони англисиро ба кафедра ҷалб кард. Дар андак муддат сатҳи забондонии шогирдон баланд бардошта шуд. Ҳамин тавр, баъди аз худ кардани забонҳои хориҷӣ дарвозаҳои илм дар хориҷи кишвар ба рӯи шогирдон боз гардид. Соли 1997 бо ибтикори профессор, муаллима Г. Б. Бобосодиқова курсҳои думоҳаи такмили ихтисоси риштаи иқтисодӣ дар донишгоҳи TWENTE-и Нидерландия ташкил шуд. Роҳбарияти донишгоҳ бинобар камбуди норасоии муаллимон ин таклифро рад намуданд. Устод Мурод Назарович ба хотири таҷриба андӯхтани шогирдон дар хориҷи кишвар, ба ҷои устодони ҷавон машғулиятҳои онҳоро ба зимма гирифт.

Ҳамин тавр, онҳо барои таҷрибаомӯзӣ ба Нидерландия фиристода шуданд, ки ин нахустин қадамҳои устувор, дар риштаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикстон бо хориҷи кишвар буд.

Уфуқҳои нави илм кушода гардида, эътибори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар овозадор шуд. Минбаъд даҳҳо коромӯзони кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар хориҷи кишвар таҷриба андӯхтанд.



Шогирдони устод Мурод Назарович имрӯз олимони шинохтаи кишвар ва берун аз кишвар мебошанд.

Доктори илми иқтисод, профессор, узви вобастаи АМИТ, раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Академияи муҳандисии Тоҷикистон» ва ноиби президенти Академияи байналмилалии муҳандисӣ Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳматулло Мирбобоев, номзади илмҳои иқтисод, муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид, доктори илмҳои иқтисод, профессор Шермамад Ҷонмамадов, декани факултети молия ва иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Иброҳимзода Илҳомуддин, дотсент Меҳтархон Содиқов, намояндаи ширкати «KazakhExport» дар Тоҷикистон Рамеш Худоиев аз ҷумлаи шогирдони устод Мурод Назарович мебошанд, ки ҳоло дар бахшҳои гуногуни иқтисоди кишвар фаъолияти пурсамар доранд.

Муаллифи беш аз 90 асари илмиву тадқиқотӣ мебошад. Бисёр тадқиқотҳои устод на танҳо дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар хориҷа бо забонҳои англисиву русӣ нашр шуда, ҳоло ҳам арзиши илмиашон побарҷост.

Донишманди сермаҳсул асарҳои илмиву тадқиқотии «Бахши буҷаи давлатӣ», бо ҳаммуаллифии собиқ вазири молияи Тоҷикистон С. Наҷмиддинов, «Низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо ҳаммуаллифии академик Илолов М.И, китоби дарсии «Иқтисодиёти бозор» ва даҳҳо дастурҳои роҳнаморо нашр ва дастраси хонандагон намудааст.

Ҳангоми фаъолият дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаммуаллифии М. Ҳотам китоби таърихии «Вакилони халқ 1938-2010»-ро рӯи чоп оварданд. Ин китоби пурарзиши таърихӣ бозгӯи давлатсозии нави мо -тоҷикон дар замони шӯравӣ ва 20 соли соҳибистиқлолӣ мебошад.

Бо ҳама талошҳои ватанхоҳона ва муҳаббати ватандорӣ ин хирадманди пурэътибори миллат ҳанӯз беш аз чиҳил сол аст, ки моҳе як маротиба бо шогирдон вохӯрӣ намуда, ба онҳо аз муҳаббати ватандорӣ ва шукӯҳи илму маърифат машғулиятҳо мегузаронад. Дар ҳар вохӯриаш бо шогирдон зарурати омӯзиши забонҳои русӣ ва англисиро таъкид мекунад. Ин забонҳоро дар муносибатҳои нави иқтисоди ҷаҳонӣ шарти аввали воридшавӣ мешуморад. Чунин вохӯриҳои пурҳикмати устод уфуқҳои нави илми иқтисоди ҷаҳониро ба рӯйи шогирдон боз намудааст.

Дар фароварди ин гуфтаҳо суханони Шоири халқии Тоҷикистон устод Муҳтарам Ҳотамро, ки якҷо дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардаанд, мехоҳам биёрам, ки саропо муҳаббату самимият нисбат ба устод Мурод Назарович аст: «Бо Муродасен Назарович Худоиев, ки мо ӯро бо номи пурифтихори Мурод Назарович мешиносем аз соли 2000 то 2010, тақрибан даҳ сол дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкор будем. Ҳар ду дар котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагон ман ҳамчун мудири котибот ва М. Худоиев дар вазифаи ёвари раис ифои вазифа мекардем. Тайи ин даҳ соли ҳамкорӣ Мурод Назарович Худоиевро ҳамчун як инсони донишманду кордон, самимиву заминӣ, пухтакор, бо беҳтарин хислатҳои инсонӣ шинохтам. Бар дӯши Мурод Назарович ва ман ҳамчун кормандони котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагон вазифа ва масъулиятҳои хеле мушкил вогузор буд. Мо бояд тамоми фаъолияти роҳбарияти Маҷлиси намояндагонро, аз ҷумла баргузории ҷаласаҳои иҷлосияҳо, шӯроҳои Маҷлиси намояндагон, мулоқотҳо бо сафирону ҳайатҳои парлумони кишварҳои хориҷӣ, сафарҳои хориҷии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайатҳои парлумонӣ, гузоришу баромадҳо, мақолаҳо барои матбуоти хориҷиву дохилӣ ва ғайраро омода мекардем. Бахши таҳияи маводҳо, сафарҳо барои иштирок дар ҷаласаҳои байнипарлумонӣ ва Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳрҳои Санкт-Петербург, Москва, Минск, Боку, Остона, Тошканд ва ғайраро ба забони русӣ М. Худоиев таҳия мекард. Ҳар маводе, ки ӯ барои нашр ё гузориш таҳия мекард, аз он саҳв ёфта намешуд.

Ашрофнамову бовиқор як инсони самимӣ, хоксору фурӯтан, рафиқи меҳрубону ғамгусор мебошад. Хеле қаноатманд ҳастам, ки чанд муддат бо чунин инсони донишманду хирадманд, рафиқи меҳрубону ғамхор ҳамкор будам. Ҳангоми фаъолият аз ӯ бисёр чизҳоро омӯхтаам».

Оре, ӯ муроди дили садҳо мову манҳои ватанхоҳ буда, номаш дар равоқи тиллоии миллати тамаддунсози тоҷик ба абадият сабт гардидааст. Хидматҳои пурарзиши ин донишманди соҳибэҳтиром ва ватанхоҳу башардӯст бо ифтихорномаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, медалҳои ба номи академик Р. И. Вавилов, Инқилоби Октябр, орденҳои Иттиҳод (Содружество) ва Байрақи сурхи меҳнат қадр шуда, номи поку пурифтихораш дар қатори беҳтарин иқтисоддонҳои кордону бомаърифати кишвар вирди забонҳост.

**Ҷумъахон ТЕМУРЗОДА,**
**журналист**

---

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ЯК СОЛИ АМАЛИ КОДЕКСИ АНДОЗ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Бино ба таъкиди Нарзулло Маликзода, яке аз мушкилиҳое, ки дар соли аввали мавриди истифода қарор гирифтани Кодекси андоз дар таҳрири нав ҷой дошт, канорагирӣ аз андозбандӣ бо истифодаи заминаи ҳуқуқии нокифояи қонунгузорӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки баъзе шахсон, ки худро «машваратчии касбӣ» муаррифӣ менамоянд, бо маблағҳои муайян роҳҳои гуногуни канорагирӣ аз андозбандиро пешниҳод менамоянд, ки заминаи ҳуқуқии кофии қонунгузорӣ надоранд, онҳо аз тағйироти нави Кодекси андоз дар ин самт огоҳ набуданд. Чунин ҳолат боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои беасос ҳисоб намудани ҷаримаҳо ва фоизҳо гардидаанд. Барои пешгирии чунин ҳолатҳо ба андозсупорандагон ва машваратчиён корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

- Мушкили дигар иқтисоди пинҳонӣ дар фаъолияти соҳибкорон мебошад, ки бо мавриди амал қарор ёфтани сабукӣ ва имтиёзҳои андозӣ дар Кодекси андоз ҷиҳати шаффоф гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ ва баромадан аз иқтисодиёти пинҳонӣ замина гузошт.

Илова бар ин, дар доираи талаботи Кодекси андоз дар таҳрири нав Системаи иттилооти мақомоти андоз такмил дода шуданд ва он имкон дорад бо истифода аз махзани электронии маълумот як қисми андозсупорандагоне, ки амалиёти хоҷагидории худро нишон намедиҳанд, дар шакли автоматикӣ муайян намояд.

Ғайр аз ин, дигар мушкилиҳо, аз қабили мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» ба роҳ намондани пешбурди муҳосибӣ, сари вақт тартиб надодани ҳисобнома - фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, бо тартиби қонунҳои амалкунанда ба роҳ намондани пешбурди Дастгоҳи назорати хазинавӣ, дуруст ва пурра нишон надодани музди меҳнати коргарон ва ба инҳо монанд, дар фаъолияти андозсупорандагон ҷой доранд, - зикр кард номбурда.

Муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршедаи Қодир зимни баромадаш аз меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ байни давлат ва бахши хусусӣ, ки дар Кодекси андоз муайян шудаанд, ёдовар шуда, изҳор дошт, ки самтҳои асосӣ оид ба содагардонии расмиёти маъмурикунонии андоз, батанзимдарории раванди гузаронидани санҷишу назоратҳо, мукаммалсозии тартибдиҳии эъломияву ҳисобот, тадриҷан ҷорӣ намудани технологияи электронӣ дар муносибати андозӣ, оммафаҳм ва хонданибоб гардидани матни лоиҳаи Кодекси андоз аз ҷониби бахши хусусӣ некбинона пазируфта шуд.

- Бо назардошти татбиқшавии ислоҳотӣ иқтисодӣ, аз ҷумла амалишавии Кодекси андоз, саҳми бахши хусусӣ дар таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар торафт мавқеи меҳварӣ касб намуда истодааст.

Беш аз 80 фоизи даромадҳои буҷети давлатӣ тавассути пардохтҳои андозӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ таъмин гардида, дар ин раванд 70 фоиз ташаккулёбии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва 67 фоизи таъминоти шуғл ба ин бахш рост меояд.

Муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода доир ба гузаронидани чорабиниҳои аудиторӣ ва ошкор намудани қоидавайронкуниҳо дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ маълумот дод.

Муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Суҳроб Сафарзода зимни суханрониаш зикр кард, ки агентӣ аз моҳи январ то марти соли сипаригардида, яъне то давраи эълони моратория дар ҳамкорӣ бо мақомоти андоз фаъолияти 10 ширкат ва 2 шахси воқеиро дар самти андозбандӣ мавриди санҷиш қарор дода, дар маҷмӯъ 385 миллиону 979 ҳазору 593 сомонӣ маблағи барилова ҳисобшудаи андозҳоро, ки аз ин 287 миллиону 173 ҳазору 651 сомониашро маблағи рӯйпӯшнамудаи андозҳо ва 98 миллиону 805 ҳазору 942 сомониашро фоизу ҷаримаҳо ташкил медиҳанд, ошкор намудааст. Аз маблағҳои ошкоргардида ба ҳолати имрӯза 361 миллиону 71 ҳазору 140 сомониаш барқарор карда шуда, бақияи он дар ҳаҷми 24 миллиону 908 ҳазору 453 сомонӣ рӯзҳои наздик бояд пурра пардохт гардад.

- Санҷиш нишон дод, ки дар ҳолатҳои зикршуда дар баробари дигар омилҳои мавҷуда, яке аз сабабҳои аз ҷониби андозсупорандагон рӯйпӯш ё пардохт карда нашудани баъзе намуди андозҳо, ин дуруст дарк накардани баъзе муқаррароти Кодекси андоз маҳсуб меёбад. Мутаассифона, ҳоло низ чунин ҳолатҳо ҷой доранд ва баъзан андозсупорандагон воқеан аз рӯи дарки нодурусти меъёрҳо намудҳои ҷудогонаи андозҳоро пардохт накардаанд. Зимни гузаронидани тафтишу санҷишҳои марказу гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар аксар маврид муайян мегардад, ки масъулин бо ба инобат гирифтани талаботи сарҳати дуюми моддаи 331 кодекси мазкур, ки даромади шаҳрвандони хориҷиро аз кироякорӣ дар доираи амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти андози иҷтимоӣ озод мекунад, андози иҷтимоии намояндагони ширкатҳои машваратиро дар лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ пардохт намекунанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳолати мазкур аз норасоии меъёри қисми 5 моддаи 332 кодекси мазкур ба миён омадааст, зеро қисми 5 моддаи зикршуда барои шахсони воқеӣ-резидентҳо, ки дар намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳои давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта кор мекунанд ва хизмат мерасонанд, меъёри андози иҷтимоиро барои суғуртакунандагон ба андозаи 20 фоиз ва барои суғурташудагон 2 фоиз муқаррар намудааст. Вале дар меъёри мазкур ворид намудани «намояндагони ширкатҳои машваратӣ дар лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ» аз мадди назар дур мондааст, - изҳор дошт Суҳроб Сафарзода ва афзуд, ки васеъ будани амалия имкон намедиҳад, ки тамоми муносибатҳои ҷомеа бо ҷузъиёт дар меъёр ҷой дода шавад, аз ин рӯ, баъзе меъёрҳои кодекси амалкунанда ба ҳолати имрӯза низ ба такмил ниёз доранд.

- Масалан, қисми 5 моддаи 15 Кодекси андоз намудҳои фаъолиятеро, ки ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ карда намешаванд, пешбинӣ кардааст. Аммо дар ин номгӯй соҳаҳое, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунҳои соҳавиашон фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешаванд (қисми 1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»), аз мадди назар дур мондааст. Ё ин ки дар моддаи 187 моҳиятан меъёри қисми 2 зарурат надорад ва дар сурати мувофиқи мақсад донистани он бояд рақамҳои «184 ё 185» дар ин қисм ба рақамҳои «185 ё 186» иваз карда шавад, то ки мухолифати мавҷуда бартараф гардад. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ҷиҳати ба талаботи замон мутобиқ ва то ба ҳадди комил ҷавобгӯй гардонидани меъёрҳои кодекси мазкур минбаъд низ мониторинги татбиқи он мунтазам гузаронида, сатҳи мутобиқати он ба ҳадафҳои сиёсати давлат ва самаранокии раванди татбиқи меъёрҳои он боз ҳам баланд бардошта шавад, - таъкид кард номбурда.

Соҳибкори инфиродӣ Файзалӣ Ҳоҷиев, ки бо намояндагӣ аз бахши хусусӣ дар чорабинӣ ширкат кард, барои ба рушди бештар ноил шудани корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ ҳамчун намуна соҳаи истеҳсоли равғани растаниро мисол оварда, якчанд пешниҳод манзур намуд. Ӯ бо иқтибос аз супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ садо дода буд: «Вазорат ва идораҳои дахлдор дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон дар соли 2023 корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодомро тавассути муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосир бо иқтидори истеҳсолии солҳои қаблии онҳо барқарор намоянд. Ҳоло талаботи бозори истеъмолии мамлакат аз ҳисоби равғани истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 22 фоиз таъмин гардида истодааст. Дар сурати ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои зикргардида талаботи аҳолии мамлакат бо равғани истеҳсоли худӣ беш аз 70 фоиз таъмин мегардад», - изҳор дошт, ки яке аз мушкилии асосии корхонаҳои истеҳсоли равған дар ҷумҳурӣ ба фурӯш баровардани кунҷораи он мебошад. Сабаби асосии он пурра озод кардани воридоти ҳама намуд хӯроки чорво ва мурғ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ буда, дар баробари он воридоти донагиҳои равғандор, ки барои итеҳсоли аввалиндараҷаи равған ва кунҷора истифода бурда мешаванд, боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашударо пурра пардохт менамоянд, ки бозори дохилиро рақобатнопазир гардонида, дар давоми чанд соли охир барои пешрафти корхонаҳои саноатие, ки ба истеҳсоли равғани растанӣ дар ҷумҳурӣ машғул мебошанд, мушкилӣ пеш оварда, шумораи онҳоро хело кам гардонидааст.

Дар охир вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳо аз масъулин посух гирифта, ҳамчунин барои дар сатҳи хубтар татбиқ шудани меъёрҳои Кодекси андоз пешниҳоду тавсияҳо манзур намуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413449 | Муассисаи давлатии таҳсилоти ибтидоии «Мактаб - интернати №4 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 24.02.2023 09:20:00 |
| 2 | 413448 | Маркази шаҳрии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сили шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ ва рӯзгордорӣ, асбобҳои рӯшноидиҳанда, парчам ва хомӯшкунакҳои автоматӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 06.03.2023 16:10:00 |
| 3 | 413456 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Кофтани чоҳҳои амудӣ дар ноҳияи Зафаробод (кофтани чоҳи амудӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 10:50:50 |
| 4 | 413457 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Обёрӣ ва азхудкунии заминҳои мавзеи Сомғори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров. Марҳилаи 2 ва 3 (сохтмони пойгоҳи обкашии Сайҳун-1) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 10:50:50 |
| 5 | 413458 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои системаи ҳавотозакунии чойхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 10:50:50 |
| 6 | 413459 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони биноӣ таълимӣ дар назди МТМУ-и №3-и ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои ободонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 10:50:50 |
| 7 | 413460 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони биноӣ таълимӣ дар назди МТМУ-и №3-и ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 10:50:50 |
| 8 | 413450 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи байни микроноҳияҳои 18-ум ва 13-ум дар маҳаллаи Мевагули шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 1 (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 4600 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 13:00:00 |
| 9 | 413451 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои васлнамоии таҷҳизоти барқӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 13:00:00 |
| 10 | 413452 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45-ҳуҷрагӣ дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд (корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 13:00:00 |
| 11 | 413453 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони биноӣ таълимӣ дар назди МТМУ-и №3-и ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои сохтмонии дегхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.03.2023 13:00:00 |
| 12 | 413454 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Миз ва харак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 07.03.2023 13:00:00 |
| 13 | 413455 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 07.03.2023 13:00:00 |
| 14 | 413461 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Русский язык и литература в школах Таджикистана» | Чопи маҷаллаи «Русский язык и литература в школах Таджикистана», адади нашр (як шумора) - 3800, адади нашри солона - 22800, вараҷи чопӣ 80, андозаи 70х100 1/16, блоки 2+2, муқоваи 4+1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 07.03.2023 14:30:00 |
| 15 | 413398 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Ноутбук | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.03.2023 10:00:00 |
| 16 | 413462 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Шинаи автомобилӣ ва аккумулятор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 24.02.2023 16:26:26 |
| 17 | 413465 | Беморхонаи шаҳрии кӯдаконаи бемории сили шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, сантехникӣ ва электрикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 24.02.2023 16:43:04 |
| 18 | 413463 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳои боркаш ва техникаҳои кишоварзӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 07.03.2023 16:30:00 |
| 19 | 413464 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аксессуар барои либоси махсус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 07.03.2023 16:35:00 |
| 20 | 413466 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 07.03.2023 17:23:34 |
| 21 | 413467 | Корхонаи давлатии фаръии «Ниҳолпарварӣ ва кабудизоркунӣ»-и шаҳри Бохтар | Пиёзаки гули лола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 09.03.2023 09:15:55 |
| 22 | 413469 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Сабади бофташуда, гулҳои зинда, буридашуда ва икебанаи рӯимизӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 09.03.2023 09:45:40 |
| 23 | 413470 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.03.2023 10:12:12 |
| 24 | 413471 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи Дӯстии халқҳо дар шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 1-ум (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 4500 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 10:22:22 |
| 25 | 413472 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи Дӯстии халқҳо дар шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 2-юм (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат: 4500 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 10:22:22 |
| 26 | 413473 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.03.2023 11:15:10 |
| 27 | 413475 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.03.2023 11:25:00 |
| 28 | 413476 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.03.2023 11:30:50 |
| 29 | 413477 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Левакант | Сӯзишворӣ ва равғани муҳаррики дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 09.03.2023 11:40:10 |
| 30 | 413478 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири асосии ошёнаи якуми озмоишгоҳи тибби бунёдии донишгоҳ, ошёнаи якум, воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ - 139 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 13:30:00 |
| 31 | 413479 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Реагент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.03.2023 13:35:50 |
| 32 | 413480 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Сохтани системаи қубурҳои обёрӣ дар ҳудуди ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 13:40:00 |
| 33 | 413481 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Маводи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 09.03.2023 13:40:25 |
| 34 | 413482 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 13:45:00 |
| 35 | 413484 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бохтар | Мебел, моноблок ва гармкунаки барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 09.03.2023 13:50:55 |
| 36 | 413485 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Ёвон | Таъмири намуди зоҳирии биноӣ муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 14:10:45 |
| 37 | 413490 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ. Балхӣ | Таъмири даромадгоҳ, роҳрав ва зинапояҳои биноӣ мақомот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 14:20:40 |
| 38 | 413486 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи Дӯстии халқҳо дар шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 3-юм (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 2600 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 14:30:00 |
| 39 | 413487 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи байни микроноҳияҳои 18-ум ва 13-ум дар маҳаллаи Мевагули шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 2 (гузоштани фарши асфалтобетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1500 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 14:30:00 |
| 40 | 413489 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Обёрии заминҳои мавзеи навбунёди деҳаи Қалъаи Мирзобойи Ҷамоати деҳоти Ваҳдати ноҳияи Деваштич (Сохтмони хати оби нӯшокӣ ва полезӣ бо дарозии 3,35 км) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.03.2023 14:30:00 |
| 41 | 413491 | Маркази вилоятии равонпизишкӣ дар вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 09.03.2023 14:30:10 |
| 42 | 413492 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Бохтар | Хӯрокворӣ, техникаи маишӣ, мебел ва ангиштсанг | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 09.03.2023 14:40:40 |
| 43 | 413493 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 09.03.2023 15:10:13 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 20-уми марти соли 2023 музоядаи № 27-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маркази хизматрасонии бонкии №9 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шерализода - 54/3 | 0 | 256,0 | 3 379 712 |
| 2 | Иншооти маркази савдои «Содот» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 86/1 | 0,06 | 1340,0 | 5 680 260 |
| 3 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шураксой, хонаи 36а | 0,08 | 478,5 | 1 915 675 |
| 4 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Ҳисор | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Ф. Абдуллоев - 25 | 0,03 | 1688,9 | 7 004 782 |
| 5 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Турсунзода | шаҳри Турсунзода, кӯчаи И.Сомонӣ - 32/143 | 0,10 | 816,7 | 5 125 497 |
| 6 | Бозори «Хайр» | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Н. Розиқов | 2,3 | 8385,9 | 19 547 496 |
| 7 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр, кӯчаи Б.Ғафуров | 10,5 | 6233,0 | 6 078 758 |
| 8 | Бинои меҳмонхона дар ноҳияи Ёвон | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Ленин -2 | 0,05 | 344 | 3 970 806 |
| 9 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки И. Сомонӣ | ноҳияи Бохтар, шаҳраки И. Сомонӣ, кӯчаи И.Сино - 128 | 0,85 | 445,0 | 1 826 868 |
| 10 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Бохтар, деҳоти Заргар, деҳаи Бешкаппа | 0,09 | 423,3 | 606 410 |
| 11 | Корхонаи хурди равғанбарорӣ | ноҳияи Вахш, шаҳраки Киров, шуъбаи 1 б/р | 0,24 | 2419,0 | 1 026 140 |
| 12 | Заводи пахтақабулкунӣ ва коркард | ноҳияи Хуросон, деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Пахтаобод | 14,2 | 1618,0 | 1 029 533 |
| 13 | Қисми фермаи чорводорӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, деҳоти Турдиев, деҳаи Иқбол | 3,9 | 5476,7 | 1 369 175 |
| 14 | Заводи пахта | ноҳияи А.Ҷомӣ, шаҳраки А.Ҷомӣ, кӯчаи Озодӣ, б/р | 1,0 | 1493,0 | 4 652 350 |
| 15 | Молу мулки ғайриманқул иборат аз биноҳо ва иншоот | ноҳияи Ҷ.Балхӣ, деҳоти Маданият, деҳаи Роҳи оҳан, ҶДММ «Агро Фуд Голд» | 2,47 | 3369,2 | 1 249 740 |
| 16 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Восеъ | ноҳияи Восеъ, шаҳраки Восеъ, кӯчаи И.Сомонӣ – 41 | 0,10 | 579,9 | 1 445 042 |
| 17 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Панҷ | ноҳияи Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ - 47 | 0,24 | 548,0 | 1 803 742 |
| 18 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ш. Шоҳин | ноҳияи Ш.Шоҳин, деҳаи Шӯрообод | 0,26 | 219,6 | 454 694 |
| 19 | Заводи пахта | ноҳияи Дӯстӣ, деҳоти Нури Вахш, деҳаи Гогол б/р | 5,1 | 6307,8 | 2 431 283 |
| 20 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Хуҷандӣ, хонаи 30 а | 0,03 | 92,4 | 215 822 |
| 21 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Асирӣ, хонаи 152 | 0,03 | 195,4 | 240 805 |
| 22 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Э.Шайдо, хонаи 70 | 0,03 | 130,5 | 205 134 |
| 23 | Маркази агроучасткаи №2 | ноҳияи Зафаробод, шоҳроҳи Хуҷанд-Зафаробод | 2,2 | 2402,2 | 448 096 |
| 24 | Агроучасткаи марказии №1 | ноҳияи Зафаробод, шаҳраки Ёшлик | 3,0 | 6284,3 | 1 370 397 |
| 25 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Б.Ғафуров, деҳоти Унҷӣ, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 6 | 0,02 | 505,7 | 466 799 |
| 26 | Комплекси чорводорӣ | ноҳияи Мастчоҳ, деҳаи Палдорак | 64,3 | 14061,5 | 1 600 000 |
| 27 | Комплекси чорводорӣ | ноҳияи Мастчоҳ, деҳаи Палдорак | 64,3 | 14061,5 | 1 600 000 |
| 28 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Айнӣ | ноҳияи Айнӣ, деҳаи Айнӣ, кӯчаи Ленин - 2 | 0,16 | 512,7 | 1 678 529 |
| 29 | Меҳмонхонаи Чкаловск | шаҳри Бӯстон, кӯчаи Кутузов – 10 | 0,09 | 160,4 | 387 622 |
| 30 | Маркази хизматрасонӣ дар деҳаи Сағирдашт | ноҳияи Дарвоз, деҳаи Сағирдашт | 0,10 | 173,0 | 306 857 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда **– шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ДШ №0293203-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 4-уми декабри соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳисор, бинои 19/1, квартираи 51 ба Парвизи Маҳмадӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир Алӣ, бинои 15, квартираи 6 ба Қаршиева Олмагул Уллаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир Алӣ, бинои 15, квартираи 6 ба Қаршиева Олмагул Уллаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории манзили истиқоматии гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир Алӣ, бинои 15, квартираи 6 ба Қаршиева Олмагул Уллаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросии дараҷаи А № 0532129 таҳти №Б - 19293-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор 30-юми июни соли 2015 ба Олимов Саидамин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №6271-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 25-уми майи соли 1990 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Комчи ба Ашуров Сайдалӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартираи силсилаи ДШ № 1242629-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми майи соли 2021 таҳти феҳристи 2Ш-1163 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 59 ба Нажмудинов Суҳроб Курганович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи ДШ № 0438085-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 20-уми декабри соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 15-уми кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 35 ба Саидхоҷаев Абдулботин Ҳабибович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи 15-уми кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 35 ба Саидхоҷаев Абдулботин Ҳабибович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии ҷудогонаи гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 33/3, квартираи 69 ба Холов Камолҷон Тағоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 12-уми июни соли 2020 таҳти феҳрасти 8Ш-1943 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 33/3, квартираи 69 ба Холов Камолҷон Тағоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 31-уми октябри соли 2022 таҳти №74621 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 33/3, квартираи 69 ба Холов Камолҷон Тағоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А №00566043-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25-уми июни соли 2016 ба Баротов Фаррух Заробуддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Гувоҳномаи шахсияти силсилаи ҶТ №506885-и гумшуда, ки онро Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-уми ноябри соли 2015 ба Одинаева Гулрухсор Саидовна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Фонди хайриявии «Дили кӯдак»-и ба номи К.И. Тоҷиев, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми июни соли 2008 таҳти рақами 949 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони корхонаҳои муштарак, хусусӣ, ширкатҳо ва ташкилотҳои байналмилалии Тоҷикистон (РМА 010085204) барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи номеи адолатпарвар ва волонияти қонун

Садои мардум

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** *Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 17 феврали соли 2023, соати 15:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35530 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97